**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2 , www/ddtt.tj**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос Юсуфзода Исмоил Умаралӣ дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900-Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901- Иқтисодиёти меҳнат)**

**Муҳимияти мавзуи таҳқиқот.** Таъмини самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар самти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар қатори истифодаи механизмҳои иқтисодии ташкили истеҳсолот, инчунин аз дараҷаи самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатии мавҷуда вобастагии амиқ дорад.

Шароити имрӯзаи бозори меҳнати соҳаи кишоварзӣ тақозо мекунад, ки як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ, ба монанди маҳдудияти соҳа оид ба таъмини шуғли кории мавҷуда, дараҷаи пасти оптимизатсияи шуғл дар деҳот, сатҳи пасти ташкили фаъолияти хонагӣ ба инобат гирифта шаванд.

Ҷанбаи муҳими мушкилоти таҳқиқшаванда самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ ба шумор меравад, ки то ҳанӯз диққати зарурии олимони соҳаро ҷалб накардааст ва маҳз ба ҳамин нуқта муаллиф диққати хоса додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи тадқиқот, сатҳи илмии омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект, предмет ва методҳои тадқиқот инъикос ёфтаанд.

Ба муҳиммияти масъалаи гузошташуда ҳеҷ шакку шубҳае нест, бар замми ин доир ба масъалаи баррасишаванда дар ҷумҳурӣ корҳои таҳқиқотӣ на он қадар зиёданд.

Дар автореферат муаллиф мақсади таҳқиқотро ҳамчун таҳлили асосҳои назариявӣ ва методии такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд муайян намуда, дар ин замина таҳияи тавсияҳои амалиро оид ба ташаккули ташкили

истифодаи самараноки онҳо дар соҳаи кишоварзии минтақа пешбинӣ намудааст.

Дар раванди тадқиқот навгониҳои илмӣ аз асосноккунии самтҳои назариявӣ, коркард ва пешниҳод аз тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизми истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ иборат буда, як қатор натиҷаҳои мусбӣ ба даст омадаанд.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявии илмии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ зарурият ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат, хусусиятҳо ва масоили он дар шароити иқтисоди бозаргонӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар асоси таҳлили ақидаҳои олимони ватанӣ ва бурунмарзӣ муаллиф таснифи захираҳои меҳнатиро вобаста аз сифати он нуқтаи назари худро мушаххас тавсия намудааст.

Тавре аз автореферат бармеояд муаллиф маводи зиёди ба мавзуъ вобастаро омӯхта, ҳолати имрӯзаи истифодаи захираҳои меҳнатиро дар соҳаи кишоварзии вилоят ва хоҷагиҳои он мавриди таҳлил қарор додааст. Ба фикри мо дар автореферат таҳлили сохтори зихираҳои меҳнатӣ ва сатҳи истифодаи онҳо дар зерсоҳаҳои кишоварзӣ оварда нашудааст.

Самтҳои асосии такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд, ҳавасмандкунӣ ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва танзими давлатии он мавриди таҳлил ва натиҷабардорӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки масъалаҳои таъмини рушди самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, комилан истифода бурдани иқтидори моддӣ-маънавӣ ва эҷодӣ, аз он ҷумла таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии захираҳои меҳнатӣ бо назардошти тамоми омилҳо, ҷанбаҳои замонавӣ, хусусиятҳо ва фарқиятҳои иқлимӣ, табиӣ, ҷойгиршавии минтақавиро зарур мешуморад, ки қобили қабул аст.

Дар рафти амалӣ гаштани омӯзиш муаллиф шаклҳои ҳавасмандии коргаронро ба таври мушаххас тавсия намудааст.

Масъалаи ташкили кластерҳои агросаноатиро ҳамчун яке аз самтҳои пешқадам мавриди таҳлил қарор дода, кластери истеҳсолиро дар соҳаи пахтапарварӣ таҳия ва пешниҳод намудааст, ки саҳми арзандаи унвонҷӯйро нишон медиҳад.

**Дар хулоса** муаллиф натиҷаи омӯзишу таҳлилҳои худро ҷамъбаст намуда, хулосаҳои мушаххас ва тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқотро, ки аз шаш банд иборатанд, пешниҳод намудааст.

Дар автореферат як қатор хатогиҳои хусусияти техникӣ ва имлоидошта мавҷуданд, ки дар натиҷа қиммати илмӣ ва амалии онро коҳиш намедиҳанд.

Бешубҳа, кори иҷрогардида қобили дастгирӣ мебошад. Кори муайяни илмӣ таҳқиқотӣ бо мавҷудияти навгониҳои илмӣ ба иҷро расонида шудааст ва кор ба талаботи Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900-Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
номзади илмҳои иқтисодӣ Султонов М.С.

Имзои н.и.и., Султонов М.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ 67; **Тел.: +992( 83222) 24863; 25481.** E-mail: bgu1978@mail.ru